# ИНТИХОБИ МО – КАФИЛИ ФАРДОИ ОСОИШТАВУ ДУРАХШОНИ ВАТАН



**Акбарова Давлатбӣ – муаллимаи калони кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики ДМТ**

Санаи 6-уми августи соли равон қарори ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум дар бораи 11-уми октябри соли 2020 баргузор гардидани чорабинии муҳими сиёсӣ ва тақдирсози миллат – Рӯзи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки аз тарафи ҷомеаи шаҳрвандӣ пазируфта шуда, имрӯзҳо мардуми сарбаланди тоҷик бо шукргузорӣ аз Истиқлолияти давлатии Тоҷикистони азиз ва фазои осудаву ободи кишвар ба ин маъракаи муҳими сиёсӣ тайёрӣ дида истодааст.

Хотиррасон бояд намуд, ки дар бораи интихоби Президент дар моддаи 65-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Президентро шаҳрвандони Тоҷикистон ба тарзи умумӣ, мустақим, баробар ва овоздиҳии пинҳонӣ ба муҳлати 7 сол интихоб менамоянд. Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки синни ӯ аз 35 кам набошад, забони давлатиро донад ва дар қаламрави ҷумҳурӣ на камтар аз 10 соли охир истиқомат дошта бошад, метавонад ба номзадии Президент пешниҳод гардад. Шахсе ба номзадии Президент ба қайд гирифта мешавад, ки ҳадди ақал 5 фоизи интихобкунандагон ба пешниҳоди номзадии ӯ имзо гузошта бошанд. Як шахс ба вазифаи Президент бештар аз ду муҳлат пай дар пай интихоб шуда наметавонад».

Интихоби Президент нишонаи Истиқлолият, ифодаи соҳибихтиёриву ягонагӣ буда, саҳму иштироки бевоситаи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳаёти сиёсии кишвар мебошад. Шаҳрванд метавонад озодона дар интихобот иштирок намуда, ба номзади сазовору

арзандаи интихобнамудааш ихтиёран раъй диҳад, яъне ҳар як шахс тибқи моддаи 27-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз синни 18-солагӣ ҳуқуқи иштирок дар интихоботро дорад. Моро мебояд дар ин маъракаи муҳиме, ки фардои ободу осоиштаву дурахшони Ватани мо аз он сахт вобастагӣ дорад, бетараф набошем, бо масъулиятшиносӣ ва ҳисси баланди ватандӯстӣ, бо дарки воқеият ба ҷонибдории номзади арзандае, ки ин вазифаи пуршарафу масъулиятнок – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро сазовор мебошаду аз уҳдаи иҷрои он баромада метавонад, овоз диҳем.

Чунончи маълум аст, мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ», ҳар як ҳизб ҳуқуқ дорад бо тартиби пешниҳоднамудаи қонун номзади худро ба интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбарӣ намояд, ки аллакай аз тарафи ҳизбҳои мавҷуда номзадҳо пешниҳод шуданд. Аз ҷумла, аз тарафи Ҳизби Халқии Демократи Тоҷикистон 3-юми сентябри соли равон дар Анҷумани XIV-уми ҳизб Раиси муаззами ҲХДТ – Эмомалӣ Раҳмон ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар интихоботи навбатӣ пешниҳод гардид, ки 990 вакили аз тамоми гӯшаю канори кишвар дар анҷуман ҳузурдошта ин номзадиро якдилонаву самимона пазируфтанд. Ҳамчунин, номзадии Пешвои сулҳофари миллат аз тарафи Иттиҳодияи иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон, Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон ва дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ пешниҳоду дастгирӣ ёфт, ки ин нишонаи муҳаббату боварӣ ва эътимоди кулли қишрҳои ҷомеа ба Сарвари неккадаму созандаву ободкор буда, сарчашмаи ин ҳама дарки нозукбинонаи воқеияти таърихии марҳилаи имрӯзаи рушди Ватани азизамон, ифодаи орзую омоли мардуми ин сарзамин барои таҳкими минбаъдаи пояҳои давлатдории миллӣ, бунёди ҷомеаи рушдёфтаву мутараққии муосир, фатҳи қуллаи мурод у расидан ба зиндагии дурахшону шоиста мебошад.

Ҳамчун як шаҳрванди давлати соҳибистиқлолу соҳибихтиёр, ҳуқуқбунёду демократӣ бо ифтихору боварию эътимоди бузург ман ба ҷонибдории шахсияти таърихие, ки миллати сарбаланди тоҷик борҳо бо умеди зиёду боварии комил  якдилона ба тарафдориаш овоз додаанд ва аминам, ки ин дафъаву дафъаҳои дигар низ ҳатман мардум ӯро сазовор медонанд –Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон.   Зеро ин марди худододу неккадам, ин абармарди хирадманди майдони сиёсат ҳамчун неруи тавонои наҷотбахшу пешбар сабабгори аз парокандагию нестӣ, гумроҳиву нофаҳмӣ наҷот ёфтан, баҳамоиву ягонагӣ, ҳамдигарфаҳмию якдилии миллати тоҷик, ба зудӣ барқароршавии сулҳу субот, дар дили халқи худ барафрӯхтани шуълаи умед ба фардои дурахшон, сохти давлатдории ҳуқуқбунёду дунявӣ, дӯст доштану ҳифзи Ватан, бедории  ҳувияту таҳкими

худшиносии миллӣ, арҷгузорӣ, ташаккул ва татбиқи арзишҳои миллӣ, дар талотуми таърихи муосир бори дигар эҳё шудану ба ҷаҳониён муаррифӣ гардидани ин миллати куҳанбунёд ва рушди босуботи минбаъдаи он гардидааст.

Бо таассуф ёдрас мешавем, ки солҳои аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон воқеаву ҳодисаҳои ибтидои солҳои 90-ум кишварро ба гирдоби ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашиданд ва ин боиси ба буҳрони шадиди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ гирифтор шудани тамоми самтҳои фаъолияти ҳаёти ҷамъиятӣ гардид, ки ин шароити мураккабу ҳассоси таърихӣ хатари порокандашавии миллат, заволи давлат, ба қисматҳо ҷудо гардидани ҳудуди Тоҷикистонро пеш овард. Ба бахти миллати тоҷик дар Иҷлосияи тақдирсози 16-уми Шӯрои Олӣ Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун фарзанди бонангу номус ва вафодори миллат, хирадманду нексиришт, ватандӯсту халқпарвар ва ҳувияти баланди миллидошта ба ҳайси Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд, яъне ӯ дар шароите ба саҳни сиёсат ворид гардид, ки давлат низоми сиёсии худро аз даст дода, дар арсаи нобудшавӣ қарор дошт, халқи тоҷик дар ҳолати яъсу ноумедӣ умед ба фардои худро аз даст дода буд. Дар чунин лаҳзаҳои ҳассоси таърихӣ андешаву хиради волои ин марди ватандӯсту покзамир тавонист ин миллату давлатро аз маҳву порокандагӣ наҷот диҳад, оташи ҷанги дохилиро хомӯш ва сулҳу ваҳдатро дар мамлакат пойдор сохт, то охирин гурезаро ба Ватан наовард, ором нагирифт, дар дили  халқаш барои зиндагии ободу осоишта шуълаи умедро бедор кард, заминаҳои бунёдии системаи идоракуниро ташаккул дода, давлатдории миллиро эҳё намуд, барои рушди минбаъдаи кишвар, барои аз бумбасти коммуникатсионӣ баромадан ва Тоҷикистонро ба марҳалаи нави инкишоф ворид намудан амалисозии барномаҳои рушди кишварро ҳамаҷониба вусъат дод, монанди бунёди нақбу роҳҳо, корхонаҳои саноатӣ, нерӯгоҳҳо,  рушди хоҷагии қишлоқ, кишоварзӣ, боғдорӣ, сохтмон, маориф, фарҳанг ва дигар соҳаҳои ҳаётан муҳими ҷомеа.

Бо сарфарозӣ ва ифтихори бузург метавон гуфт, ки кору пайкори Пешвои маҳбуби тоҷикон, оини давлатсозиву сулҳофарии ӯ дар радифи шахсиятҳои бузурги миллатсоз қобили қабулу дастури ҷомеаи ҷаҳонӣ гардидааст. Ин тоҷики асилу созанда дар муаррифӣ намудани миллату забону фарҳангу тамаддуни қадимаи тоҷикон дар арсаи байналмилалӣ нақши муҳим дошта, забони ширину гушнавозу шевои тоҷикӣ борҳо аз минбари созмонҳои байналмилалӣ аз забони ин абармарди соҳибзабону соҳибхирад садо додаст. Иқдому ташаббусҳои оливу беназири пешниҳоднамудаи ӯ дар бораи беҳтар намудани вазъи экологии сайёра, оби тозаи ошомиданӣ, ҳифзи сайёра, таҳкими сулҳу субот,  маҳкум кардани терроризму экстремизм аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфта шуд.

Ҳамчунин, саҳми ватандӯстдоронаву фарҳангсолоронаи Эмомалӣ Раҳмон дар баробари таҳкими ваҳдати миллӣ, таъмини устувории сиёсӣ, рушди низоми давлатдорӣ, беҳтар намудани вазъи иқтисодӣ, рушди энергетикӣ ва саноатикунонӣ дар бедор намудани ҳисси ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ, арҷ гузоштан ба муқаддасоти миллӣ, забону фарҳангу урфу одатҳои миллӣ, эҳё, ҳифз ва муаррифӣ намудани адабиёти оламшумул ва таърихи фарҳангу тамаддуни қадимаи миллати тоҷик бағоят бузургу беназир аст.

Ватани азизи мо–Тоҷикистонро нисбат ба дирӯзу солҳои пешин имрӯз ободу озоду зебо, мардумашро дар амну осоиш мебинем, ки ҳамаи ин бо шарофати рооҳнамоию қудрати сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки тавонист бо ақлу заковат, хиради азалӣ, дилу нияти пок, иродаи устувор, ҷасорату шуҷоат, созандагию ободкорӣ дар дилу дидаи халқаш роҳ ёбад ва бо зиндагии ободу озоду осоишта онҳоро ба сӯйи фардои дурахшон раҳнамун созад.

Миллати куҳанбунёди тоҷик имрӯз гомҳои худро ба сӯйи марҳалаи рушди устувор гузошта истода, дар ин роҳ ба шахсияти сиёсии рушдёфта ниёз дорад. Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сарвари сиёсӣ бо корнамоиву созандагиву ҷонфидоиҳояш баҳри ин миллату ин сарзамин ҳамеша азиз аст. Тоҷикон хизматҳои шоиставу беназиру талошҳои шабонарӯзии ӯро дар роҳи раҳоӣ аз нобудӣ, асорат, ноумедӣ, расидан ба осоиштагӣ, хушбахтӣ, соҳибистиқлоливу соҳибихтиёрӣ, эҳё, ободӣ ва фардои дурахшон ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунад ва қадр хоҳад кард.

Чун Пешвои миллат ҷавониашро барои пойдориву шинохту эҳёву ободиву озодиву сулҳу осоиштагиву созандагиву фардои пурифтихору дурахшони ин миллат бахшидааст, ман аминам, ки миллати сарбаланди ман низ ҳамеша дар паҳлуи ӯ буда, бо ӯ ифтихор доранд ва ҳамеша тарафдори Сарварии ӯ мебошанд. Интихоби мо кафили фардои осоиштаву дурахшони ватан аст!